## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич соли 2017-ум Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз моҳи августи соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт оғоз намуда, сипас солҳои 2017-2018 ҳамчун мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, солҳои 2018-2021 муовини декан оид ба корҳои таълими факултети асосҳои идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, солҳои 2021-2023 декани факултети иқтисод ва идораи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, аз моҳи апрели соли 2023 то ноябри соли 2023 сардори раёсати таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият намудааст.

Номбурда солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳсил кардааст.

Соҳаи таваҷҷуҳи Деҳқонов С.А. омӯзиши масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт ва дурнамои танзим ва дастгирии давлатии иқтисодиёти минтақа мебошад.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич усулҳои муосири математикии таҳлилро дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода бурдааст. Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 16 мақола дар ҳаҷми умуми 6,1 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 7-тои он дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

дар дигар нашрияҳои ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ нашр гардидаанд. Унвонҷӯй худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассуснок, бо тайёрии баланди назариявии доштааш дар соҳаи танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ва донандаи методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмиро нишон дода тавонист.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич оиди мавзуи таҳқиқотиаш маводҳо ва маълумотҳои зиёди омориро ҷамъ оварда, мавриди истифода қарор додааст. Дар натиҷа, муаллиф таҳқиқоти илмии муҳим ва саривақтиро иҷро карда, кори диссертатсиониро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод намуд. Унвонҷӯй дар ҷараёни таҳқиқоти илмии масъалаҳои иқтисодии мубрам мустақилият ва боварии комил доштанро нишон дод ва ба натиҷаҳои илмии назаррас, ки навгонии илмӣ доранд, ноил шудааст.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич ба нишондодҳои роҳбари илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисон муносибати бодиққат карда, мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гаштааст. Вай кӯшиш кардаст, ки моҳияти масъалаҳои мавзуи таҳқиқотиро пурмаъно кушояд ва аз натиҷаҳои гирифта чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва форумҳои ҷумҳуриявӣ баромад кардааст.

Дар навиштани кори диссертатсионӣ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии тайёр кардаи муаллиф барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ кори аз ҷиҳати мантиқӣ анҷомёфта буда, дорои равишҳои нави омӯзиши назария ва методологияи рушд ва такмили танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич мақсад ва вазифаҳои дар раванди навиштани кори диссертатсионӣ дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзади илмҳои иқтисодӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи иқтисоди**
**ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия**
**ва иқтисоди Тоҷикистон** **Ҷонмамадов Ш.Б.**

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи
Нахимов 64/1,
Тел: 934430405
E-mail: shermamad@bk.ru

Дурустии имзои Ҷонмамадов Ш.Б.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ.** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

Аз “20” 10 соли 2023.